«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ,
доктори илмҳои педагогӣ, профессор
_____ Сафарзода Мунир Ватан
«____» _____ 2026 с.

ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

ба кори диссертатсионии Давлатзода Фарзона Иброҳим дар мавзуи «Шароитҳои педагогии ташаккули сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таълимии томактабӣ ва оила» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.2. Назария ва методикаи таълиму тарбияи томактабӣ (педагогикаи томактабӣ) пешниҳод шудааст

Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Диссертатсия аз рӯйи мазмуну мундариҷа ба шиносномаи ихтисоси илмии 5.3.2. Назария ва методикаи таълиму тарбияи томактабӣ (педагогикаи томактабӣ) мувофиқат менамояд. Дар таҳқиқот масъалаҳои назариявию методии ташаккули сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ, хусусиятҳои иҷтимоишавии онҳо, нақши муассисаи таълимии томактабӣ ва оила, инчунин шароит, шаклу усулҳои педагогии ташаккули сифатҳои иҷтимоии кӯдакон мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Мазмун ва натиҷаҳои таҳқиқот ба самтҳои шиносномаи ихтисоси мазкур, аз ҷумла асосҳои назариявию методии таълиму тарбияи кӯдакони синни томактабӣ; мазмун, шакл, усул ва воситаҳои тарбия; ташаккули шахсият ва сифатҳои иҷтимоии кӯдак; иҷтимоишавии кӯдакони синни томактабӣ; ҳамкории муассисаи таълимии томактабӣ ва оила дар раванди таълиму тарбия мувофиқат мекунанд.

Дар диссертатсия заминаҳои назариявию методии ташаккули сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ таҳлил гардида, нақши муассисаи таълимии томактабӣ ва оила дар ин раванд муайян, шароитҳои педагогии самараноки ташаккули сифатҳои иҷтимоӣ пешниҳод ва самаранокии онҳо тавассути корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ санҷида шудааст. Аз ин рӯ, муҳтавои диссертатсия ба талаботи ихтисоси 5.3.2 – Назария ва методикаи таълиму тарбияи томактабӣ (педагогикаи томактабӣ) ҷавобгӯ мебошад.

Мубрамии мавзуи таҳқиқ. Дар шароити муосир рушди иҷтимоии шахсият, ташаккули қобилияти муошират, ҳамкорӣ, мустақилият ва масъулиятшиносии кӯдакон ба яке аз масъалаҳои муҳими таълиму тарбия табдил ёфтааст. Ҳалли ин масъала танҳо дар марҳилаҳои минбаъдаи таҳсил имконпазир набуда, ташаккули сифатҳои иҷтимоии шахсият аз синни томактабӣ аҳаммияти махсус дорад.

Дар ин замина муассисаҳои таълимии томактабӣ ва оила дар ташаккули шахсият ва иҷтимоишавии кӯдак нақши муҳим доранд. Махсусан, синни калони томактабӣ барои ташаккули тасаввурот дар бораи муносибатҳои иҷтимоӣ, меъёрҳои рафтор, муошират бо ҳамсолон ва калонсолон, мустақилият ва масъулиятшиносӣ давраи мусоид ба ҳисоб меравад. Таҷрибаи иҷтимоии дар ин давра ҳосилшуда метавонад заминаи рушди минбаъдаи шахсият ва омодагии кӯдак ба таҳсил дар мактаб гардад.

Муассисаи таълимии томактабӣ барои ташаккули сифатҳои иҷтимоии кӯдакон имкониятҳои васеъ дорад. Фаъолияти таълимию тарбиявӣ, бозӣ, муошират, фаъолияти муштарак ва муносибатҳои байни кӯдакон имкон медиҳанд, ки сифатҳои иҷтимоӣ дар раванди фаъолияти ҳаррӯза ташаккул дода шаванд. Ҳамзамон, оила ҳамчун муҳити аввалини иҷтимоии кӯдак дар ташаккули арзишҳо, меъёрҳои рафтор ва муносибати ӯ ба дигарон нақши муҳим мебозад.

Бо вуҷуди ин, танҳо мавҷуд будани имкониятҳои тарбиявии муассисаи таълимии томактабӣ ва оила барои ташаккули сифатҳои иҷтимоии кӯдак кофӣ нест. Самаранокии ин раванд аз фароҳам овардани шароити мувофиқи педагогӣ, интихоби дурусти шакл, усул ва воситаҳои тарбия, инчунин ҳамкории пайвастаи муассисаи таълимии томактабӣ ва оила вобаста мебошад. Аз ин рӯ, муайян ва асоснок намудани шароитҳои педагогии ташаккули сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ зарурати воқеии педагогӣ дорад.

Ташаккули сифатҳои иҷтимоӣ дар синни калони томактабӣ набояд танҳо бо азхудкунии қоида ва меъёрҳои рафтор маҳдуд гардад. Муҳим аст, ки кӯдак онҳоро дар муошират, фаъолияти муштарак, муносибат бо ҳамсолон ва калонсолон ва ҳалли вазъиятҳои гуногуни иҷтимоӣ истифода карда тавонад. Аз ин лиҳоз, пайвастани фаъолияти таълимию тарбиявии муассисаи томактабӣ бо таҷрибаи тарбиявии оила яке аз шартҳои муҳими ташаккули самараноки сифатҳои иҷтимоии кӯдак мебошад.

Аз ин рӯ, таҳқиқи асосҳои педагогии ташаккули сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ, муайян намудани шароитҳои

самараноки педагогӣ ва имкониятҳои ҳамкории муассисаи таълимии томактабӣ ва оила дар ин раванд барои такмили таълиму тарбияи томактабӣ ва иҷтимоишавии бомуваффақияти кӯдакон аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дорад.

Дараҷаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ, хулоса ва пешниҳодҳое, ки дар диссертатсия оварда шудаанд. Гузоришҳои илмӣ, хулоса ва пешниҳодҳои дар диссертатсия овардашуда аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ асоснок мебошанд. Муаллиф ҳангоми таҳқиқи масъалаи ташаккули сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ ба таҳлили адабиёти илмӣ, педагогӣ ва психологӣ, таҷрибаи фаъолияти муассисаҳои таълимии томактабӣ ва оила, инчунин натиҷаҳои корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ такя намудааст.

Асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот бо интихоби дурусти заминаҳои назариявию методологӣ, истифодаи маҷмуи усулҳои ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ мувофиқ, таҳлилу муқоисаи маълумоти бадастомада ва санҷиши таҷрибавии шароитҳои педагогии пешниҳодшудаи ташаккули сифатҳои иҷтимоии кӯдакон таъмин гардидааст. Робитаи мантиқии байни мақсад, вазифаҳо, мазмуни таҳқиқ ва натиҷаҳои бадастомада дар тамоми марҳилаҳои кор нигоҳ дошта шудааст.

Хулосаҳои пешниҳоднамудаи диссертант аз натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ бармеоянд. Тавсияҳои пешниҳодшуда ба такмили мазмун, шакл ва усулҳои ташаккули сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ, фароҳам овардани шароити мусоиди педагогӣ ва тақвияти ҳамкории муассисаи таълимии томактабӣ ва оила равона гардидаанд.

Дар маҷмуъ, гузоришҳои илмӣ, хулосаҳо ва пешниҳодҳои дар диссертатсия баёнгардида дорои пайдарпайии мантиқӣ ва асоснокии кофии илмӣ буда, натиҷаҳои бадастомада ба мақсаду вазифаҳои таҳқиқ мувофиқат менамоянд ва метавонанд дар раванди таълиму тарбияи кӯдакони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таълимии томактабӣ ва оила мавриди истифода қарор гиранд.

Навгонии илмии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки масъалаи ташаккули сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ дар муҳити муассисаҳои таълимии томактабӣ ва оила аз ҷиҳати назариявию педагогӣ асоснок гардида, шароитҳои татбиқи амалии он муайян карда шудаанд. Сифатҳои иҷтимоӣ ҳамчун ҷузъи муҳими ташаккул ва рушди шахсияти кӯдаки синни томактабӣ баррасӣ гардида, имкониятҳои

муассисаи таълимии томактабӣ ва оила дар рушди иҷтимоии кӯдакон муайян карда шудаанд.

Дар таҳқиқот мушкилоти рушди иҷтимоии кӯдакон дар муҳити муассисаи таълимии томактабӣ ва оила таҳлил гардида, шароитҳои педагогӣ ва психологию педагогии ташаккули сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ муайян ва асоснок карда шудаанд. Дар ин замина нақши ҳамкории мураббия, падару модар ва кӯдак дар ташаккули сифатҳои иҷтимоӣ мушаххас карда шудааст.

Амсилаи сохторӣ-муҳтавоии ташаккули сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ таҳия гардида, ҷузъҳои асосии он муайян карда шудаанд. Ҳамкории субъект-субъектии мураббия, падару модар ва кӯдак ҳамчун яке аз шароитҳои муҳими педагогӣ баррасӣ гардида, ҷузъҳои аксиологӣ, эмотсионалӣ, маърифатӣ-зеҳнӣ (когнитивӣ) ва системавӣ-фаъолиятии он мушаххас карда шудаанд. Ҳамзамон, рушди салоҳияти мураббия ва падару модар ҳамчун шарти муҳими ташаккули сифатҳои иҷтимоии кӯдакон асоснок гардидааст.

Дар доираи таҳқиқот барномаи дастгирии педагогии падару модар таҳия гардида, мазмуни он машғулиятҳои омӯзишию машваратӣ, корҳои фаҳмондадиҳӣ, тавсияҳои методӣ ва шаклҳои фаъолияти муштараки падару модар ва кӯдаконро фаро гирифтааст. Барномаи мазкур ба баланд бардоштани салоҳияти педагогии падару модар ва таъмини ҳамкории самараноки оила бо муассисаи таълимии томактабӣ дар раванди ташаккули сифатҳои иҷтимоии кӯдакон равона карда шудааст.

Самаранокии амсилаи сохторӣ-муҳтавоӣ ва шароитҳои педагогии пешниҳодшуда дар ҷараёни корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ мавриди санҷиш қарор гирифтааст. Натиҷаҳои таҳқиқ нишон додаанд, ки ташаккули сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ ба сифати ҳамкории мунтазами субъект-субъектии мураббия, падару модар ва кӯдак, рушди салоҳияти педагогии калонсолон ва ташкили фаъолияти муштараки муассисаи таълимии томактабӣ ва оила вобаста мебошад.

Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия дар асоснок намудани шароитҳои педагогии ташаккули сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ ва муайян намудани имкониятҳои муассисаи таълимии томактабӣ ва оила дар ин раванд ифода меёбад.

Аҳамияти илмии таҳқиқот дар такмили асосҳои назариявию педагогии рушди иҷтимоии кӯдакон, асоснок намудани ҳамкории субъект-

субъектии мураббия, падару модар ва кӯдак, инчунин таҳияи амсилаи сохторӣ-муҳтавоӣ зоҳир мегардад.

Аҳамияти амалии таҳқиқот аз имконияти истифодаи амсилаи пешниҳодшуда, барномаи дастгирии педагогии падару модар ва тавсияҳои методӣ дар фаъолияти муассисаҳои таълимии томактабӣ ва ҳамкории онҳо бо оила иборат мебошад.

Аҳамияти иҷтимоии таҳқиқот ба рушди қобилияти муошират ҳамкорӣ, мустақилият, масъулиятшиносӣ ва иҷтимоишавии бомуваффақияти кӯдакон алоқаманд мебошад.

Аҳамияти иқтисодии натиҷаҳои таҳқиқот хусусияти ғайримустақим дошта, дар истифодаи самараноки имкониятҳо ва захираҳои мавҷудаи муассисаҳои таълимии томактабӣ ва оила бе хароҷоти зиёди иловагӣ ифода меёбад.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳо бо мутобиқати масъалаи таҳқиқ ба самтҳои рушди низоми таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва такя ба санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии соҳаи маориф, таҳсилоти томактабӣ, ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои кӯдак ва тарбияи насли наврас таъмин мегардад.

Асоснокии натиҷаҳо ба таҳлили сарчашмаҳои илмии ватанию хориҷӣ, омӯзиши таҷрибаи педагогии муассисаҳои таълимии томактабӣ ва оила дар ташаккули сифатҳои иҷтимоии кӯдакон такя мекунад. Дар асоси онҳо шароитҳои педагогӣ ва психологию педагогии ташаккули сифатҳои иҷтимоӣ муайян гардида, амсилаи сохторӣ-муҳтавоӣ ва барномаи дастгирии педагогии падару модар таҳия карда шудаанд. Эътимоднокии хулосаҳо бо истифодаи усулҳои назариявию эмпирикӣ ва корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ таъмин шудааст.

Натиҷаҳои бадастомада таҳлил ва муқоиса гардида, самаранокии амсилаи сохторӣ-муҳтавоӣ, барномаи дастгирии педагогии падару модар ва шароитҳои пешниҳодшуда муайян карда шудааст. Хулоса ва тавсияҳои диссертатсия ба мақсаду вазифаҳои таҳқиқот мувофиқ буда, метавонанд барои такмили раванди ташаккули сифатҳои иҷтимоии кӯдакон ва ҳамкории муассисаҳои таълимии томактабӣ бо оила истифода шаванд.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот. Саҳми шахсии довталаб дар таҳқиқоти мазкур аз асосноккунии назариявӣ ва амалии масъалаи ташаккули сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ, муайян намудани шароитҳои педагогӣ ва имкониятҳои муассисаи таълимии томактабӣ ва оила дар ин раванд иборат мебошад.

Иштироки шахсии муаллиф дар ба даст овардани натиҷаҳои илмии дар диссертатсия пешниҳодшуда ва маводи интишоргардида, таҳлилу ҷамъбасти сарчашмаҳои илмӣ-педагогӣ ва психологӣ, омӯзиши мушкилоти рушди иҷтимоии кӯдакон дар муҳити муассисаи таълимии томактабӣ ва оила, муайян ва асоснок намудани шароитҳои психологию педагогӣ, таҳияи амсилаи сохторӣ-муҳтавоии ташаккули сифатҳои иҷтимоӣ, таҳияи барномаи дастгирии педагогии падару модар, ташкил ва гузаронидани корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ, таҳлили натиҷаҳои бадастомада ва таҳияи хулосаву тавсияҳои илмӣ-методӣ ифода ёфтааст.

Довталаб дар асосноккунии назариявӣ ва илмӣ-амалии масъалаҳои марбут ба ташаккули сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ, муайян намудани нақши ҳамкории субъект-субъектии мураббия, падару модар ва кӯдак, рушди салоҳияти педагогии мураббия ва падару модар, инчунин таҳия ва татбиқи амсилаи сохторӣ-муҳтавоӣ ва барномаи дастгирии педагогии падару модар саҳми мустақим гузоштааст.

Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ. Аз рӯйи мавзуи диссертатсия 15 мақолаи илмӣ ба нашр расидааст, ки аз онҳо 10 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия чоп шудаанд. Мазмуну муҳтавои интишороти илмии довталаб ба мавзуи диссертатсия мувофиқ буда, натиҷаҳои асосии назариявӣ, методӣ ва таҷрибавии таҳқиқотро инъикос менамоянд. Интишороти мазкур аз муаррифии кофии натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ шаҳодат медиҳанд.

Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Довталаби дараҷаи илмӣ масъалаи ташаккули сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабиро дар муассисаҳои таълимии томактабӣ ва оила мавриди таҳқиқ қарор дода, асосҳои назариявию педагогии он, шароитҳои психологию педагогии ташаккули сифатҳои иҷтимоӣ ва имкониятҳои ҳамкории муассисаи таълимии томактабӣ ва оиларо муайян ва асоснок намудааст. Натиҷаҳои таҳқиқ нишон медиҳанд, ки фароҳам овардани шароитҳои мувофиқи педагогӣ, ҳамкории субъект-субъектии мураббия, падару модар ва кӯдак, инчунин баланд бардоштани салоҳияти педагогии мураббия ва падару модар ба ташаккули сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ мусоидат менамояд. Мазмун ва сохтори диссертатсия ба мақсаду вазифаҳои таҳқиқот мувофиқ буда, натиҷаҳои корҳои таҷрибавӣ-

озмоишӣ самаранокии амсилаи сохторӣ-муҳтавоӣ ва барномаи пешниҳодшударо тасдиқ менамоянд.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, фаслҳои ба ҳам алоқаманд, хулосаҳои бобҳо, хулосаи умумӣ, тавсияҳо ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Дар муқаддима мубрамии мавзуъ, дараҷаи омӯзиши масъала, объект ва предмет, мақсаду вазифаҳо, фарзия, асосҳои методологӣ, усулҳои таҳқиқ, навгонии илмӣ, аҳамияти назариявию амалӣ ва муқаррароти асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда муайян гардидаанд. Дар маҷмуъ, диссертатсия ҳамчун таҳқиқоти илмии мустақил ва анҷомёфта арзёбӣ мешавад.

Боби якуми диссертатсия «Асосҳои назариявӣ-амалии рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ» буда, дар он заминаҳои назариявӣ ва амалии рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ мавриди таҳлили муфассал қарор гирифтаанд. Муаллиф масъалаи рушди иҷтимоии кӯдаконро дар муҳити муассисаи таълимии томактабӣ ва оила баррасӣ намуда, моҳият ва хусусиятҳои сифатҳои иҷтимоӣ, инчунин нақши муҳити тарбиявӣ ва ҳамкории субъектҳои раванди тарбияро дар ташаккули онҳо муайян кардааст.

Дар боби мазкур рушди сифатҳои иҷтимоӣ ҳамчун ҷузъи муҳими ташаккули шахсияти кӯдаки синни калони томактабӣ баррасӣ гардида, зарурати фароҳам овардани муҳити мусоиди иҷтимоию педагогӣ дар муассисаи таълимии томактабӣ ва оила асоснок карда шудааст. Муаллиф ба он таваҷҷуҳ менамояд, ки ташаккули сифатҳои иҷтимоӣ танҳо аз азхудкунии меъёрҳои рафтор иборат набуда, муносибати арзишманд ба худ ва дигарон, қобилияти муошират ҳамкорӣ, фаъолнокӣ ва иштироки кӯдакро дар фаъолияти муштарак низ фаро мегирад.

Дар фасли якуми боби якум «Таҳлили рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдакон дар адабиёти равонию педагогӣ ва методӣ» заминаҳои илмӣ-назариявии масъалаи таҳқиқшаванда мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Муаллиф муносибатҳои илмии мавҷударо нисбат ба рушди иҷтимоӣ ва ташаккули сифатҳои иҷтимоии кӯдакон таҳлил намуда, хусусиятҳои ин равандро дар синни калони томактабӣ баррасӣ кардааст. Дар ин фасл мафҳум ва мазмуни сифатҳои иҷтимоӣ, хусусиятҳои рушди иҷтимоии кӯдак ва нақши муҳити тарбиявӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Дар заминаи таҳлили адабиёти равонию педагогӣ ва методӣ зарурати ҳамкории муассисаи таълимии томактабӣ ва оила ҳамчун омили муҳими ташаккули сифатҳои иҷтимоии кӯдак асоснок карда мешавад.

Дар фасли дуюми боби якум «Коркарди амсилаи сохторӣ-муҳтавоии рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ дар муассисаи таълимии томактабӣ ва оила» масъалаи таҳия ва асоснок намудани амсилаи рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдакон мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Муаллиф дар асоси натиҷаҳои таҳлили назариявӣ амсилаи сохторӣ-муҳтавоии рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдаконро пешниҳод намуда, ҷузъҳо ва шароитҳои асосии татбиқи онро мушаххас кардааст. Дар амсила ҳамкории субъект-субъектии мураббия, падару модар ва кӯдак, ташаккули муносибати арзишманд ба худ ва дигарон, фароҳам овардани фазои мусоиди равонӣ, рушди фаъолнокии кӯдак ва ҷалби ӯ ба фаъолияти муштарак мавқеи муҳим доранд.

Боби дуюми диссертатсия «Шароитҳои педагогии ташаккули сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таълимии томактабӣ ва оила» буда, дар он шароитҳои педагогӣ ва психологию педагогии таъмини самаранокии ташаккули сифатҳои иҷтимоии кӯдакон мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Муаллиф масъалаи ҳамкории муассисаи таълимии томактабӣ ва оила, нақши мураббия ва падару модар, инчунин роҳҳои ташкили корҳои озмоишӣ-таҷрибавиро баррасӣ намудааст.

Дар ин боб диққати асосӣ ба муайян ва асоснок намудани шароитҳое равона гардидааст, ки барои рушди иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ муҳити мусоид фароҳам меоранд. Ҳамкории субъект-субъектии мураббия, падару модар ва кӯдак ва рушди салоҳияти мураббияву падару модар ҳамчун шароитҳои муҳими педагогии ташаккули сифатҳои иҷтимоӣ арзёбӣ гардидаанд.

Дар фасли якуми боби дуюм «Шароитҳои психологӣ-педагогии ташаккули сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ тибқи талаботи замони муосир» масъалаҳои муайян ва асоснок намудани шароитҳои зарурии рушди иҷтимоии кӯдакон мавриди таҳлил қарор гирифтаанд.

Муаллиф ҳамкории субъект-субъектии мураббия, падару модар ва кӯдакро ҳамчун яке аз шароитҳои асосии ташаккули сифатҳои иҷтимоӣ баррасӣ намуда, ҷузъҳои аксиологӣ, эмотсионалӣ, маърифатӣ-зеҳнӣ (когнитивӣ) ва системавӣ-фаъолиятии онро муайян кардааст. Ҳамзамон, рушди салоҳияти мураббия ва падару модар дар самти ташаккули сифатҳои иҷтимоии кӯдакон мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифта, аҳамияти

омодагии педагогии калонсолон дар таъмини самаранокии ин раванд асоснок карда шудааст.

Дар фасли дуюми боби дуюм «Технологияи ташкил ва тавсифи корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ дар марҳилаҳои таҳқиқот» тартиб, мазмун ва марҳилаҳои ташкили корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Дар ин фасл раванди ташкили таҳқиқоти таҷрибавӣ, тартиби татбиқи шароитҳои педагогии пешниҳодшуда ва роҳҳои омӯзиши тағйироти сифатҳои иҷтимоии кӯдакон тавсиф гардидаанд. Корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ барои санҷиши амсилаи пешниҳодшуда ва муайян намудани самаранокии шароитҳои педагогии ташаккули сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ равона карда шудаанд.

Боби сеюми диссертатсия «Корҳои озмоишӣ оид ба татбиқи амсилаи рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдакон ва натиҷабардорӣ аз он» буда, дар он ҷанбаҳои таҷрибавии масъалаи таҳқиқшаванда мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Муаллиф татбиқи амсилаи рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабиро дар муассисаҳои таълимии томактабӣ ва оила ба роҳ монда, натиҷаҳои корҳои озмоишӣ-таҷрибавиро таҳлил ва ҷамъбаст кардааст.

Дар ин боб диққати асосӣ ба татбиқи амалии амсилаи сохторӣ-муҳтавоӣ ва арзёбии тағйироти баамаломада дар рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдакон равона гардидааст. Натиҷаҳои бадастомада таҳлил ва муқоиса шуда, барои муайян намудани самаранокии шароитҳои педагогӣ ва амсилаи пешниҳодшуда истифода гардидаанд.

Дар фасли якуми боби сеюм «Татбиқи амсилаи рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои томактабӣ ва оила» масъалаи татбиқи амалии амсилаи таҳияшуда мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Муаллиф дар ҷараёни корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ амсилаи рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдаконро татбиқ намуда, ба ташкили ҳамкории мақсадноки мураббия, падару модар ва кӯдак диққати махсус додааст. Дар ин замина барномаи дастгирии педагогии падару модар, машғулиятҳои омӯзишию машваратӣ, корҳои фаҳмондадиҳӣ, тавсияҳои методӣ ва шаклҳои гуногуни фаъолияти муштараки падару модар ва кӯдакон истифода гардидаанд. Татбиқи чунин шаклҳои фаъолият барои фароҳам овардани муҳити мусоиди иҷтимоию педагогӣ ва рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдакон равона шудааст.

Дар фасли дуюми боби сеюм «Таҳлили натиҷаҳои корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ» натиҷаҳои дар марҳилаҳои гуногуни таҳқиқ бадастомада таҳлил, муқоиса ва ҷамъбаст гардидаанд. Дар асоси натиҷаҳо самаранокии амсилаи сохторӣ-муҳтавоӣ ва шароитҳои педагогии пешниҳодшуда арзёбӣ карда шудааст.

Таҳлили натиҷаҳои корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ нишон медиҳад, ки ҳамкории мураббия, падару модар ва кӯдак, баланд бардоштани салоҳияти педагогии калонсолон ва ташкили фаъолияти муштарак ба рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ мусоидат менамоянд. Дар маҷмуъ, бобҳои диссертатсия бо пайдарҳамии мантиқӣ таҳия гардида, масъалаи ташаккули сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабиро аз омӯзиши асосҳои назариявӣ то таҳияи амсила, муайян намудани шароитҳои педагогӣ ва санҷиши таҷрибавии самаранокии онҳо фаро мегиранд. Байни мазмуни бобҳо ва фаслҳо робитаи мантиқӣ нигоҳ дошта шудааст. Дастовардҳои таҳқиқот ба таҳлили адабиёти равонию педагогӣ ва методӣ, истифодаи усулҳои мувофиқи илмӣ ва натиҷаҳои корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ асос ёфтаанд. Натиҷаҳои бадастомада ба мақсаду вазифаҳои таҳқиқот мувофиқат менамоянд.

Хулоса ва тавсияҳои пешниҳодшуда аз натиҷаҳои таҳқиқот баромада, барои такмили раванди ташаккули сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ ва рушди ҳамкории муассисаҳои таълимии томактабӣ бо оила аҳамияти илмӣ-методӣ ва амалӣ доранд.

Мутобиқати ба расмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Диссертатсия ва автореферати он вобаста ба талаботи дастурамал оид ба тартиби ба расмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводи илмӣ (фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, №493) омода карда шуда, мақолаҳои илмии нашрнамудаи муҳаққиқ мазмун ва муҳтавои асосии рисоларо инъикос менамоянд. Дастовардҳои илмӣ, эътимоднокӣ, хулоса ва тавсияҳои пешниҳоднамудаи муаллиф тибқи талаботи дастурамали Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардида, аз ҷиҳати илмию методӣ асоснок карда шудаанд. Дар матни диссертатсия муқаррароти дастурамали Комиссияи олии аттестатсионӣ риоя гардида, матн бо забони тоҷикӣ ба таври возеҳ ва равшан таҳия шудааст. Тартиби таҳия ва ҷобаҷогузории қисмҳои алоҳидаи диссертатсия дуруст буда, робитаи мантиқӣ ва

пайдарпайии мавод таъмин гардидааст. Дар охири ҳар як боб хулосаҳои мушаххас пешниҳод шуда, натиҷаҳои асосии таҳқиқ ба таври ҷамъбастӣ баён гардидаанд.

Эродҳо ба кори диссертатсионӣ

Дар баробари дастовардҳои назариявию амалӣ ва натиҷаҳои мусбати таҳқиқот, дар кори диссертатсионӣ баъзе масъалаҳое ба назар мерасанд, ки зикри онҳо барои такмили минбаъдаи таҳқиқот мувофиқи мақсад мебошад:

1. Дар диссертатсия масъалаи рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ дар адабиёти равонию педагогӣ ва методӣ мавриди таҳлили васеъ қарор гирифтааст. Хуб мебуд, агар муқоисаи ақидаҳои олимони ватанию хориҷӣ оид ба мафҳуми «сифатҳои иҷтимоӣ» ва сохтори он ба таври низомноктар пешниҳод мегардид;

2. Дар таҳқиқот ҳамкории субъект-субъектии мураббия, падару модар ва кӯдак ҳамчун яке аз шароитҳои асосии ташаккули сифатҳои иҷтимоӣ муайян гардидааст. Хуб мебуд, агар шаклҳо ва усулҳои мушаххаси чунин ҳамкорӣ бо мисолҳои бештар аз таҷрибаи муассисаҳои таълимии томактабӣ ва оила пешниҳод карда мешуданд;

3. Барномаи дастгирии педагогии падару модар яке аз ҷанбаҳои амалии муҳими таҳқиқот ба ҳисоб меравад. Бо вуҷуди ин, мазмун ва тартиби татбиқи машғулиятҳои омӯзишию машваратӣ барои гурӯҳҳои гуногуни падару модар метавонист муфассалтар шарҳ дода шавад;

4. Дар матни диссертатсия гоҳо хатоҳои техникӣ дучор мешаванд, ки дар ин бобат ба унвонҷӯй ишораҳои мушаххас пешниҳод карда шуд.

Эродҳои зикршуда асосан хусусияти тавсиявӣ ва таҳрирӣ дошта, арзиши илмӣ ва амалии таҳқиқоти анҷомдодашударо коҳиш намедиҳанд ва метавонанд дар фаъолияти минбаъдаи илмии муаллиф ба назар гирифта шаванд.

ХУЛОСА

1. Давлатзода Фарзона Иброҳим дар мавзуи «Шароитҳои педагогии ташаккули сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таълимии томактабӣ ва оила» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.2. Назария ва методика таълиму тарбияи томактабӣ (педагогикаи томактабӣ) кори ба анҷомрасидаи илмӣ-таҳқиқотӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона ва дар сатҳи хуби илмӣ иҷро карда шудааст.

2. Муҳаққиқ ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқотии дар назди худгузошта ноил гардида, иҷрои фарзияҳои илмӣ ва нуқтаҳои ба дифоъ пешниҳоднамударо тасдиқ кардааст.

3. Диссертатсия ба талаботи пешниҳоднамудаи бандҳои 10-16 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 ва таҳрири нави он аз 26.06.2023, №295 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Тақриз аз тарафи эксперт, номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Лоиқов Парвиз Ҷумахонович мураттаб шудааст.

Тақризи муассисаи пешбар дар ҷаласаи кафедраи педагогикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, ки дар он довталаби дараҷаи илмӣ Давлатзода Фарзона Иброҳим иштирок ва бо маъруза баромад намуд, баррасӣ ва тасдиқ шудааст. Дар ҷаласаи кафедраи педагогикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ 12 нафар устодону омӯзгорон иштирок намуданд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 12 нафар, «бетараф» - нест, «муқобил» - нест. (Қарори ҷаласаи кафедраи педагогикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз 28-уми сентябри соли 2026, №1)

Раиси ҷаласа, мудири кафедраи
умумидонишгоҳии педагогикаи
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ,
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Назаров Ҳотам Сарфарозович

Эксперти таҳқиқоти диссертатсионӣ,
номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи
умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии
Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Лоиқов Парвиз Ҷумахонович

Котиби ҷаласа, саромузгори кафедраи
умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи
давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Расулова Нодира Сайдаламовна

Маълумот барои тамос:
735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Кӯлоб, кӯчаи Сангак Сафаров 16;
Тел:(83322) 2 35 06; E-mail: info@kgu.ti: www.kgu.ti

Имзои Назаров Ҳ.С., Лоиқов П.Ҷ., Расулова Н.С.-ро тасдиқ мекунам.
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Давлатзода Миралӣ Абдусамад

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС